ТДУ 339.13

# ХУСУСИЯТҲОИ АМАЛКАРДИ БОЗОРҲОИ ИСТЕЪМОЛИИ ҲУДУДӢ, ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ ВА ТАМОЮЛИ РУШДИ ОН ДАР САТҲИ СУБЪЕКТҲОИ АЛОҲИДАИ МИНТАҚАВӢ

**Хоҷибоева М.А.** - сармуаллимаи ДДҲБСТ

***Калимаҳои калидӣ:*** *бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ, бозори истеъмолӣ, институтҳо, муҳити институтсионалӣ дар бозори истеъмолӣ, субъектҳои иқтисодӣ, ҷобаҷокунии ҳудудӣ, гунҷоиши бозор.*

Бозори истеъмолӣ чун як қисми бозори умумии минтақавӣ ташкилоти ҳудудии соҳаи гардиш мебошад, ки дар асоси рушди муносибатҳои молию пулӣ талаботи аҳолӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорро ба молу хизмат бо ҳадди ақалли харҷи гардиш таъмин мекунад.

Дар бозор молҳои таъиноти истеъмолӣ объектҳои хариду фурӯш мебошанд, ба сифати субъектҳои истеъмолкунандагони неъмату хизматҳо бошад истеҳсолкунандагони минтақавии онҳо, истеъмолкунандагоне, ки ба ҳайси онҳо ширкату сохторҳои соҳибкорӣ, сохторҳои хоҷагидорӣ, аҳолии маҳаллӣ ва ғайримаҳаллӣ, ки ба истеҳсоли махсулоти нав машғуланд, баромад мекунанд. Хусусияти бозори истеъмолӣ дар он аст, ки молу хизмат барои истеъмоли шахсӣ харидорӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ, дар асоси шарҳҳои мавҷуда, зери мафҳуми бозори истеъмолӣ низоми муносибатҳои молию пулӣ ва ташкилию иқтисодиро фаҳмидан лозим аст, ки байни субъектҳои хоҷагидоре, ки молу хизматҳоро истеҳсол мекунанд ва ё мефурӯшанд ва истеъмолкунандагони инфиродӣ, ки молҳои мазкурро барои истифодаи шахсӣ ва дастаҷамъӣ мехаранд, ташаккул мeёбанд.

Натиҷаи ҳамкории талаботу пешниҳодот бо ёрии нарх дар ҳаҷми фурӯши молу хизматҳо дар бозори дохилӣ ифода меёбад, тақсимоти он тибқи минтақаҳои мамлакат бошад, дар бораи сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ шаҳодат медиҳад.

Дар ҳаҷми фурӯши мол тибқи ҳамаи роҳҳои савдо дар бозори дохилӣ, ки дар нишондиҳандаи гардиши моли мамлакат ифода меёбад, соли 2017 ҳиссаи вилояти Суғд дар муқоиса бо соли 2012 мутаносибан 39,9 % ва 37,2%, Хатлон 24,4% ва 17,6% -ро ташкил кардааст. Панҷяки гардиши чаканаи моли мамлакат бо шаҳри Душанбе ва тақрибан шашяки он бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.




**Диаграмма - Вазъи қиёсии минтақаҳо дар ҳаҷми умумии фурӯши молҳо дар бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017**

***Ҳисобу китоби муаллиф дар асоси***: *Омори солонаи вилояти Суғд, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2018 - 408 с.*

Дар кор бозори истеъмолӣ ба ҳудуди муайян ва хоҷагиҳои табиию иқлимии ба он хос, анъанаҳои миллӣ ва суннатҳои ташкили истеҳсол ва истеъмоли мол марбут карда шудааст. Маҳз ҳамин робита асоси назариявии муайян кардани бозори истеъмолии ҳудудӣ ва дар таркиби он ҷудо кардани сегментҳои калони байни ҳам алоқаманди зеринро ташкил мекунад: молҳои хӯрокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ, хизматҳои истеъмолӣ, ки дар онҳо талаботу пешниҳодот дар таносубҳои гуногун пешкаш гардидаанд.

Амалкарди бозори истеъмолии ҳудудӣ дар шароити умумӣ ва дар манзари фаъолияти иқтисодӣ сурат мегирад, вале бо вуҷуди ин, он мустақилияти нисбӣ дорад. Мустақилияти мазкур бо таъсири омилҳои махсус алоқаманд аст, ки вижагиҳои талаботи аҳолии сокини ҳудуди муайянро муқарар менамоянд.

Дар кор аломатҳои асосии зерини бозори истеъмолии ҳудудӣ ҷудо карда шудаанд:

-*томият* ё маҷмӯияти ҷузъҳои таркибӣ ва, пеш аз ҳама, талабот ва пешниҳодот, ки асосан дар ҳудудҳо ва ташаккул меёбанд;

-*сохторбандӣ* чунин маъно дорад, ки вазъ ва динамикаи бозори истеъмолии ҳудудӣ машрут ба хусусиятҳои сохтори иқтисодиёти минтақа мебошад;

-*мавҷудияти алоқаҳои дохилию* берунӣ, ки дар раванди ташаккули пешниҳоди молҳо ва талаботи бозор дар ҳудуди бозори истеъмолӣ зоҳир мегарданд;

-*иерархӣ будани он* – ташкилоти сатҳ ба сатҳи бозори истеъмолии ҳудудӣ ва субъектҳои он, ки чун унсурҳои таркибии бозори истеъмолии ҳудудӣ баррасӣ мешаванд.

Дар мақола натиҷаҳои таҳлили муқаррароти назариявӣ дар бораи бозорҳои истеъмолӣ, ки дар доираи минтақа дар самтҳои зерин амал мекунанд, ҷамъбаст карда шудааст:

- дар адабиёти илмии иқтисодӣ дар фаҳмиши категорияи “бозори истеъмолии ҳудудӣ” иттифоқи оро вуҷуд надорад. Сабаби ихтилофот дар шарҳи категорияи мазкур дар он аст, ки истилоҳ пурра ба амалия ворид нагардидааст.
- хусусияти амалкарду тамоюли рушди бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ, махсусан дар сатҳи ташкилаҳои мантиқавии шаҳрҳои хурд ва ҷамоатҳои деҳот ба қадри қофӣ омӯхта нашудааст.
- хусусияти бозори истеъмолии ҳудудиро аз бисёр ҷиҳат типи минтақа, ки дар ҳудуди он бозор амал мекунад, ҳамчунин маҷмӯи омилҳо, ки ба ташаккули талабот ва қонеъгардонии он ва пешниҳодоти мол дар бозор ва мутаносибии он ба талабот таъсир мерасонанд, муайян мекунад.

Муносибати методӣ ба таснифи бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ, ки ба истифодаи принсипҳои гурӯҳбандии илмӣ асос ёфтааст ва хусусиятҳои ин бозорҳоро, ки бо мушаххасоти иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ, самтияти соҳавии фаъолияти субъекҳои ҳудудӣ ва вижагиҳои шароитҳои маҳаллӣ алоқаманд аст, кушода медиҳад.

Дар мақола аломатҳои умдае таҳлил карда шудааст, ки асоси таснифи бозорҳои истеъмолии ҳудудиро ташкил мекунанд:

Якум, тавсифи типии бозори истеъмолии ҳудудӣ, ки ба вазъи бозор асос меёбад, дода шудааст: фаъол, стагнатсияшаванда, коллапсшаванда ё ихтисоршаванда; дувум, тавсифи молии бозорҳои истеъмолии ҳудудии молҳои хӯроквориию ғайрихӯрокворӣ ва бозори хизматҳо.

Вазъи бозор – аломати муҳими таснифи бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ мебошад, зеро имкон медиҳад ҳолати субъектҳое, ки талаботу пешниҳодот шартҳои зарурии амалкарду рушди самарабахшро ташаккул медиҳанд, муайян карда шавад.

Дар бозори якум талабот ба пешниҳодот бо тамоми оқибатҳое, ки аз чунин ваъият бармеояд, бартарӣ дорад: маҳдуд гаштани хели молҳое, ки дар бозор пешниҳод мегарданд ва паст шудани сифати онҳо, зоҳир гардидани аломатҳои инҳисор, тамоюли болоравии нарх ва ғайра. Ба бозори харидор аз талабот зиёд шудани пешниҳодот хос аст, ки натиҷаҳои зеринро ба бор меорад: ба вуҷуд овардани молҳои нави нисбатан мукаммали дорои сифати баланд, ки ба талаботи бозор ҷавобгӯ аст ва талаботи истеъмолкунандагонро қонеъ мегардонад; поёнравии нарх ва афзоиши миқдори хизатҳое, ки то ва баъд аз фурӯши мол расонида мешаванд.

Азбаски бозори ҳудудӣ як қисми бозори дохилӣ мебошад, ба он мустақилияти нисбӣ хос аст, яъне массаи асосии муомилаҳои хариду фурӯш дар доираи ин ҳудуд ба амал меояд. Таснифи муаллифӣ бо назардошти вижагиҳои махсуси талаботи аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ иҷро шудааст. Он ҳудуди вилояти Суғдро ба чор минтақа ҷудо мекунад, ки аз лиҳози ҷойгиршавии географӣ, релйефи маҳал ва шароитҳои иқлимӣ байни ҳам фарқ доранд: 1. Минтақаи Хуҷанд: шаҳрҳои Хуҷанд, Гулистон, Бӯстон, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров; 2. Минтақаи водӣ: ш.Истаравшан, ноҳияи Ашт, Мастчоҳ, Спитамен, Зафаробод, Ҷаббор Расулов. 3. Минтақаи шарқӣ: шаҳрҳои Исфара ва Конибодом ва ноҳияҳои ҳамном. 4. Минтақаи кӯҳистон: шаҳрҳои Панҷакенту Истиқлол ва ноҳияҳои Ашт, Деваштич, Шаҳристон, Кӯҳистони Мастчоҳ.

Ҳар як бозори ҳудудии ин минтақаҳо нисбатан мустақил мебошад, ки дар натиҷа зарурати арзёбии иқтисодии хоссаи он ба миён меояд, яъне муайян кардани он, ки

талаботи аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор ба молу хизматҳо то чи андоза аз ҳисоби истеҳсолоти маҳаллӣ, хоҷагиҳои хусусӣ ва хоҷагиҳои хонаводагӣ қонеъ гардонида мешавад. Ҳиссаи истеҳсолоти маҳаллии молҳо дар ҳаҷми умумии пешниҳоди мол низ аз ҷумлаи нишондиҳандаҳое мебошад, ки дараҷаи мустақилияти бозори ҳудудро тавсиф менамояд. Маълумот дар бораи вазни қиёсии молҳое, ки аз манбаъҳои маҳаллӣ ворид мегарданд, дар ҷадвали поён оварда мешавад:

**Ҷадвал - Таносуби байни гардиши чаканаи мол ва захираҳои молҳои истеҳсоли минтақавӣ (млн.сомонӣ)**

| | соли 2012 | | | | соли 2017 | | | | Соли 2017 ба ҳисоби% ба соли 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | гардиши чаканаи мол | | ҳаҷми истеҳсо-лот | вазни қиёсӣ, % | гардиши моли чакана | | ҳаҷми истеҳсо-лот | вазни қиёсӣ % | |
| | маблағ | % | | | маблағ | % | | | |
| Вилояти Суғд аз ҷумла: | 4012,6 | 100 | 3017,8 | 75,2 | 7357,2 | 100 | 6466,9 | 87,9 | 183,3 |
| минтақаи Хуҷанд | 1749,0 | 43,6 | 1161,7 | 66,7 | 4153,9 | 56,5 | 3285,7 | 79,1 | 237,5 |
| минтақаи куҳистон | 276,6 | 6,9 | 58,0 | 20,9 | 531,9 | 7,2 | 228,0 | 42,8 | 192,2 |
| Минтақаи водӣ | 1377,2 | 34,3 | 996,2 | 72,3 | 1593,4 | 21,6 | 1355,9 | 85,1 | 115,7 |
| минтақаи шарқи | 609,8 | 15,2 | 279,6 | 45,9 | 1078,0 | 14,7 | 726,3 | 67,4 | 176,8 |

***Ҳисоботу китоби муаллиф дар асоси***: *Омори солонаи вилояти Суғд 2013, с. 257, 383. Ҳисоботи соли 2017 - «Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соҳаҳо».*

Дар вилояти Суғд нишондиҳандаи таъминнокӣ бо истеҳсолоти маҳаллӣ ба ҳисоби миёна 87,9%, дар минтақаи Хуҷанд бошад – 79,1% - ро ташкил мекунад. Сатҳи аз ҳама паст дар минтақаи кӯҳистон – 42,8%, дучор мешавад. Дар минтақаи водӣ ин нишондиҳанда 85,1% аст.

Аз ин рӯ, мустақилияти бозор дар минтақаи водӣ нисбат ба минтақаи кӯҳистон баландтар аст. Аз ин ҷо метавон ба хулосаи зерин расид: дар он минтақаҳое, ки захира, яъне пешниҳодоти мол дар бозори ҳудудӣ асосан аз ҳисоби истеҳсолоти маҳаллӣ ташаккул меёбад, мустақилияти бозор баландтар аст ва баръакс. Айни замон ҳангоми ҳисобкарди ин нишондиҳанда бояд ба назар гирем, ки истеҳсолоти хонаводагии маҳсулоти хӯроквории дар минтақаҳои мухталиф аз рӯи ҳаҷм ва хел вобаста аз даромади аҳолӣ ва инкишофи соҳаҳои мушаххасу умуман ҳудуд фарқ мекунад.

Асоси назариявии мустақилияти нисбии бозорҳои ҳудудиро он нукта ташкил мекунад, ки хоҷагии ҳудуд чун зернизоми низоми ягонаи иқтисодии мамлакат организми муайяни иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ки аз лиҳози объективӣ манфиати иқтисодии худӣ дорад. Агар нуктаи мазкурро ба назар гирем, аз рӯи шабоҳат бозори ҳудудӣ чун қисми таркибии бозори дохилӣ аз бисёр ҷиҳат чун зернизоме баромад мекунад, ки дар иртиботи мутақобила бо умумӣ амал менамояд. Маҳз ҳамин хусусият имкони ихтилофҳои дохилии байни онҳоро пешбинӣ менамояд, ки ҳалли онҳо ба инкишофи тамоми бозори дохилӣ мусоидат мекунад.

Дараҷаи мустақилияти бозори ҳудудӣ ҳамчунин ба сатҳи тақсимоти меҳнат ва умқи робитаҳои савдоию иқтисодӣ, ки байни ҷамоатҳо (мақоми худидора дар деҳот), ноҳияҳо ва минтақаҳои алоҳида мавҷуданд, тавсиф мешавад, ки он дар ҳаҷм ва сохтори мубодилаи мол ифода меёбад. Масалан, агар дар минтақаҳои кӯҳистон ҳиссаи захираҳои маҳаллӣ дар фурӯши чакана панҷякро ташкил кунад, пас қисми боқимондаи (4/5) молҳои зарурӣ барои қонеъ гардонидани талабот аз дигар минтақаҳои мамлакат ё аз ҳисоби истеҳсолоти воридотӣ қонеъ гардонида мешавад. Мубодилаи байниминтақавии мол аз як тараф, ба рушд ва тавсеаи истеҳсолот дар ҳар як ҳудуд бидуни маҳдуд кардани он ба доираҳои бозори маҳаллӣ мусоидат менамояд, аз тарафи дигар, барои нисбатан пурра таъмин кардани эҳтиёҷоти истеҳсолии субъектҳои хоҷагидорӣ ва талаботи хусусии аҳолии ин ҳудуд новобаста аз шароитҳои истеҳсолии мушаххаси он ва махсусгардонии аз ин ҷо бароянда шароит фароҳам меорад.

Бозори истеъмолии ҳудудӣ дар доираи ҳудуди маъмурии ноҳия ё ҷамоат чун як қисми ҳудуди маъмурии вилоят ва мамлакат бунёд мегардад. Бинобар ин дар бозори ҳудудии молу хизматҳо тамоюлҳои қонунии афзоиш ва тағйирёбии сифатӣ дар сохтори талаботи пардохтпазири аҳолӣ ва субъктҳои хоҷагидорӣ зоҳир мешаванд, ки онҳо афзоиши сатҳи некӯаҳволии моддӣ ва фарҳангии аҳолии ин ҳудудро инъикос мекунанд. Дар намуди нисбатан ҷамъбастӣ ин ҳолат дар афзоиши пайдарпаи ҳаҷми

гардиши чаканаи мол ва такмили сохтори он, ҳамчунин тағйирёбии ҳисса дар ҷойгиронии мол барои фурӯш дар ҳудуди минтақа ифода меёбад.

Дар панҷ соли охир ҳаҷми умумии фурӯши мол дар бозори ҳудудии вилояти Суғд қариб 1,9 баробар афзуд. Дар ин давра суръати аз ҳама зиёди афзоиш дар минтақаи Хуҷанд – қариб 2,4 баробар, дар минтақаи шарқӣ – 1,8 баробар ба даст омадааст, ки ба наздикии ҳудуд ба марзи давлатӣ ва рушди мубодилаи наздимарзии моли Исфара бо Қирғизистон ва Конибодом бо Ӯзбекистон алоқаманд аст. Суръати миёнаи афзоиш дар минтақаи кӯҳистон (1,9 баробар) нисбат ба вилоят бештар аст.

Дар ҷойгиронии ҳудудии гардиши чаканаи мол минтақаи Хуҷанд дар соли 2017 вазни қиёсии аз ҳама зиёд – 56,5 % дорад. Ҳиссаи ин минтақа нисбат ба соли 2006 12,9 фоиз афзудааст. Афзоиши ин нишондиҳанда дар минтақаи кӯҳистон 0,3 банди фоизиро ташкил мекунад:

- Методикаи гузаронидани ташхиси иқтисодии бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ, ки дар рафти онҳо номутаносибӣ байни сатҳи рушди истеҳсолот ва махсусгардонии соҳавии субъектҳои минтақавӣ ва сатҳи рушди бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ ошкор карда мешавад.

Истифодаи методикаи ташхиси вазъи бозори истеъмолии ҳудудӣ имкон медиҳад сатҳи дахолати давлат ба раванди рушд бо корбасти абзорҳои таъсиррасонӣ ба ҳолати мувозинаи талабот ва пешниҳодот муайян карда шавад. Бо назардошти параметрҳои тағйирёбандаи тавозуни бозорӣ ва вазъе, ки дар бозори истеъмолии ҳудудӣ ба миён омадааст, типҳои зерини бозорҳо ошкор карда шудаанд:

а) бозорҳои афзоишёбанда (рушдкунанда), ки барои истеҳсолкунандгон нисбатан ҷаззобанд ва дар он пешниҳод ба зиёдшавии талабот нисбатан мавзун вокуниш нишон дода, боло меравад, ки ин боиси афзоиши ҳаҷми фурӯш дар баробари нархҳои доимӣ ё нархҳои нисбии поёнраванда мегардад. Ин бозор танзими давлатии раванди бозориро тақозо намекунад;

б) бозорҳои дорои талаботи афзуншаванда, ки барои истеҳсолкунандагон хеле ҷаззобанд. Дар ин бозорҳо пешниҳодот бо ягон сабаб ба афзоиши талабот ба қадри қофӣ вокуниши мавзун нишон намедиҳад. Дахолати давлат талаб карда мешавад, ки он ба васеъ намудани пешниҳодот ва боло бурдани дараҷаи рақобат равона мегардад.

в) бозорҳои дорои пешниҳодоти ихтисоршаванда. Бозорҳое ҳастанд, ки ҳини воқеан бетағйир будани талабот ихтисори пешниҳодот, коҳиши ҳаҷми фурӯш дар манзари болоравии нисбии нарх ба мушоҳида мерасад (ҳавасмандгардонии давлатии соҳаҳои дахлдор зарур аст);

г) бозорҳои талаботашон ихтисоршаванда. Инҳо бозорҳое мебошанд, ки пешниҳодот мувофиқан ба коҳиши талаботи бозорӣ ихтисор мешавад: истеҳсолкунандагон метавонанд иқтидорҳои истеҳсолиро бидуни дучор гардидан ба зарари назаррас ба қадри зарурӣ ихтисор кунанд ё тағйири самт диҳанд (танзими давлатӣ тақозо карда намешавад).

Таснифи илмии бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ ва ташхиси дурусти иқтисодӣ имкон медиҳанд тадбирҳое андешида шаванд, ки ба баланд бардоштани ҷаззобияти бозорҳо барои истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон ва пешгӯии рушди онҳо мусоидат менамоянд. Натиҷаҳои ба даст омадаро бошад ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди минтақавӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар кор алоқаи байни рушди ташкилоти ҳудудии меҳнат ва махсусгардонии минтақа дар марзҳои маъмурии ҳудудӣ, ки дорои пояи ашёи хоми табиӣ ва сӯзишворию энергетикӣ мебошанд, муайян карда шудааст. Масалан, ҳисобу китоби коэффисиенти махсусгардонии умумӣ дар бобати махсусгардонии соҳавии вилояти Суғд оид ба истеҳсоли маҳсулоти саноатҳои сабук, хӯрокворӣ, ордкашию ярма ва хӯроки чорво (қимати коэффисиент аз 1,25 то 1,66) шаҳодат медиҳад.

Пас, дар тафриқаи ҳудудии шароитҳои табиӣ,иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қисми зиёди пешниҳодот дар бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ аз ҳисоби маҳсулоти бо ҳадди ақалли нерӯ дар вилоят истеҳсолгардида ташаккул меёбад. Корхонаҳои истеҳсолӣ имкон пайдо мекунанд на танҳо талаботи худии аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидори ҳудудро қонеъ гардонанд, балки маҳсулотро барои мубодила ба берун аз ҳудуди вилоят бароварда, ҳамзамон маҳсулоти заруриашонро аз дигар ноҳияҳо ворид созанд.

– Беҳтар намудани муҳити институтсионалӣ бо роҳи бунёди пояҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маъмурию идоракунӣ барои амали механизми рақобати бозорӣ, ки ба баланд бардоштани самарабахши амалкарди бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ мусоидат

мекунад ва имкони истифодаи шароитҳои иқтисодии минтақавӣ, пеш аз ҳама омилҳои табиию иқтисодӣ ва махсусгардонии истеҳсолии минтақаро васеъ менамояд.

Таҳлили институтҳои мавҷуда чун маҷмӯи қоидаҳои ҳамкории агентҳои бозор имкон медиҳад ду самараи мусбати амалкарди онҳо ҷудо карда шавад. Аввалан, самараи ҳамоҳангсозӣ, ки дар бунёди заминаҳо барои амалигардонии интихоби дуруст дар ҷойгиронии захираҳо ва истифодаи онҳо барои ба даст овардани манфиати ҳамаи иштирокдорони мубодилаи бозорӣ зоҳир мешавад. Дувум, самараи ангезишӣ дар он зуҳур меёбад, ки институтҳо шароитҳое ба вуҷуд меоранд, ки ба фардҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидор дар амалигардонии интихоби дуруст ва муфиди иқтисодӣ мусоидат мекунанд.

Дар кор, дар рафти баррасии асосҳои назариявии муносибати институтсионалӣ дар тадқиқи бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ ду тарзи ҷудо кардани институтҳо аз рӯи дараҷаи таъсири онҳо ба самарабахшии истеҳсолот ва фурӯши мол пешниҳод гардидааст:

1. Таҷрибаи кори институтҳои появӣ, ки ба амалкарди субъектҳои бозори истеъмолии ҳудудӣ таъсир расонида, сарчашмаи дигаргуниҳои институтсионалӣ дар низоми иқтисодии бозор мегарданд (масалан, институти моликияти хусусӣ).
2. Тағйир додани қоидаҳои марбут ба ҳамкории институт ба субъектҳои бозор боиси тағйир ёфтани шароитҳои муҳити институтсионалии амалкарди бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ мегардад (масалан, Қонуни ҶТ “Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ”).

Пас, муҳити институтсионалӣ дорои дараҷаю самтияти мухталифи таъсиррасонӣ ба самарбахшии амалкарди бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ мебошад (расм).




**Расм – Таъсири муҳити институтсионалӣ ба бозори истеъмолии ҳудудӣ.**

Истифодаи муносибати системавӣ ба тадқиқи масъалаи амалкарди бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ имкон медиҳад аз як тараф онро чун қисми низоми иқтисодии минтақа, ки бо дигар субъектҳо ҳамкории мутақобила дорад, баррасӣ намоем, аз тарафи дигар, он соҳаи дохилии худро дорад,ки дар он тибқи тақозои қонуни объективии талаботу пешниҳодот муносибатҳои ба ҳам алоқаманди фурӯшандагону харидорон оид ба хариду фурӯши мол ва иҷрои шартҳои муоҳидаҳои байни онҳо баста шуда амалӣ мегарданд.

Дар амалигардонии сиёсати рушди бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ ташкили марказҳои иттилоотию таҳлилӣ чун унсурҳои муҳити институтсионалӣ, ҳамчунин хадамоте, ки бо таҳқиқ ва ояндабинии талаботи аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ машғуланд ва ҳолати бозори молу хизматҳои таъиноти истеъмолиро дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо назорат мекунанд, нақши муҳим мебозанд.

Пешниҳодоти мол дар бозори истеъмолии ҳудудӣ дар натиҷаи ҳамкории мутақобилаи якчанд гурӯҳҳои субъектҳои иқтисодӣ ташаккул меёбад:

1) субъектҳои соҳаи саноат, ки пешниҳоди молҳои ғайрихӯрокаро ташаккул медиҳад;
2) субъектҳои соҳаи кишоварзӣ, ки пешниҳоди маҳсулоти хӯрокаи дар корхонаҳои кишоварзӣ, фермерӣ, хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ ва саноати коркард истеҳсолшавандаро ташаккул медиҳанд.

3) субъектҳои соҳаи хизматҳои истеъмолӣ, ки пешниҳоди хизматҳоро дар раванди пешбурди мол аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунандаи ниҳоӣ ташаккул медиҳанд.
4) субъектҳо дар соҳаи савдои беруна, ки пешниҳоди бозориро бо молҳои истеҳсоли ширкатҳои хориҷӣ пурра мекунанд.

Ҳар як бозори минтақа ба дараҷаи муайян мустақил мебошад, ки зарурати арзёбии махсуси иқтисодии онро ба миён меорад.

Сатҳи даромади аҳолӣ омили асосии ташаккул ва рушди талаботи қобили пардохт унсури асосии бозори истеъмолии ҳудудӣ мебошад. Гунҷоиши он чун ҳаҷми эҳтимолии фурӯши мол муайян мешавад ва дар гардиши мол инъикос ёфта, аз даромад вобастагӣ дорад. Масалан, қимати коэффисиенти коррелятсияи 0,87 вобастагии зичи байни гардиши мол ба ҳар сари аҳолӣ ва даромад ба ҳар як узви хоҷагии хонаводагиро нишон медиҳад. Хароҷоти асосии аҳолӣ бо хароҷоти истеъмолӣ, яъне бо хариди молу хизмат, ки бештар аз 80% даромади умумии аҳолиро ташкил мекунад, вобаста аст. Дар сохтори он хароҷот ба хӯрока бештар аз 60 %-ро ташкил менамояд. Коэффисиенти коррелятсия байни сатҳи пасандоз ва гардиши мол ба ҳар сари аҳолии вилояти Суғд аз рӯи ҷадвали қиёсии Чаддок 0,69-ро ташкил кард.

Натиҷаҳои таснифи субъектҳои минтақавии вилояти Суғд вобаста аз талаботи истеъмолӣ ва омилҳои ба он таъсиркунанда нишон медиҳад: ба ноҳияҳои «беҳтарин» мансубанд – Б. Ғафуров, Истаравшан, Исфара, Панҷакент; ба ноҳияҳои «миёна» дахл доранд: ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Деваштич, Ҷаббор Расулов, Зафаробод, Конибодом, Масчоҳ, Спитамен. Ба қатори ноҳияҳои «бад» ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ ва Шаҳристон ворид мешаванд.

Новобаста аз ин, ба ҳамаи ноҳияҳо се типи масоил хос аст, ки ба рушди бозорҳои истеъмолии ҳудудӣ монеа мешаванд.

1) Рушди нокифояи истеҳсолоти молҳои истеъмолӣ дар ҳудудҳо ва шароити барҷастаи маҳаллӣ, ки барои беҳтар намудани вазъияти иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ аҳамияти мусбат доранд, ҳамчунин ба раванди ташаккули талаботу пешниҳодоти мол дар бозори худудӣ (ш. Панҷакент ва ноҳияи Панҷакент) таъсир мерасонанд.
2) Талаботи пасти аҳолӣ ва субъектҳои ноҳияҳои дорои махсусгардонии равшани кишоварзӣ (ноҳияҳои Шаҳристон, Деваштич, Кӯҳистони Мастчоҳ) ба моли истеъмолӣ;
3) Талаботи зиёди аҳолию субъектҳо дар молҳои истеъмолӣ шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҳамҷавори онҳо, ки нишондиҳандаҳои нисбатан баланди иҷтимоию иқтисодии рушди ҳудуд доранд (ноҳияи Конибодом, Исфара, Б. Ғафуров, Спитамен, Истаравшан).

Таҳлили талабот ва тамоюли рушди он дар бозори истеъмолии вилояти Суғд имкон дод, ки усули трендииояндабинӣ интихоб карда шавад.Ояндабинӣ дар пояи тамсилаҳои трендӣ бо фарзияе такя мекунад, ки тибқи он ҳамаи омилҳои дар марҳилаи появи амалкунанда ва робитаҳои мутақобилаи онҳо дар марҳилаи мавридиояндабинӣ низ бетағйир мемонанд.

## АДАБИЁТ


1. Байматов, А.А. Региональный рынок: особенности и проблемы сбалансированности / Байматов А.А.- Душанбе, Дониш,1985. - 280с.
2. Аминов, И. Формирование регионального рынка потребительских товаров на основе товарно-торгового бизнеса (на материалах регионов Республики Таджикистан). Автореферат диссер. док. эк. наук/И.Аминов – Худжанд, 2015. – 37 с.
3. Александров, Ю.Л., Экономика товарного обращения / Ю.Л. Александров, Н.Н. Терещенко. – Красноярск: Красноярский государственный торгово- экономический институт, 2003. – 277 с.
4. Бернвальд, А. Р. Региональные проблемы товарного обращения (в районах Сибири и Дальнего Востока) / А.Р. Бернвальд -Новосибирск: Сиб.ГУ. -1984. - 165с.
5. Бородин, К.Г. Продовольственный рынок: методика интегральной оценки / К.Г. Бородин, С.А. Неганов, А.П. Берестов // Экономика региона, 2010 -№1. - С. 122 - 128.
6. Даванков, А.Ю., Верещагина Т.А., Грязев М.А. Факторы формирования социального благосостояния территориального сообщества /А.Ю.Даванков, Т.А. Верещагина // Вестник Челябинского государственного университета. - 2009. - № 14. - С. 15-23.
7. Дадакова, Е.В. Использование кластерного метода в сегментном анализе рынка / Е.В. Дадакова, Л.С. Драганчук // Маркетинг в России и за рубежом,2005. - № 4. – С. 16-23.
8. Данилов, А.А., Данилова, В. А. Совершенствование организационно- экономических механизмов управления региональным потребительским рынком / А.А.Данилов, В.А.Данилова // Сервис plus. - 2012. - № 3. - С. 107-113.
9. Иванов, А.Н., Тамбовцев, С.Н., Шеховцов, Р.В. Актуальные проблемы и перспективы развития потребительского рынка ростовской области в контексте долгосрочного социально-экономичес-

кого развития региона / А.Н.Иванов, С.Н.Тамбовцев, Р.В. Шеховцов// Инженерный вестник Дона, 2012.- Т. 19.- № 1. -С. 515-519.

## АННОТАЦИЯ

## ОСОБЕННОСТИ ТЕРРИТОРИАЛЬНЫХ ПОТРЕБИТЕЛЬСКИХ РЫНКОВ, АНАЛИЗ СИТУАЦИИ НА УРОВНЕ НЕКОТОРЫХ РЕГИОНАЛЬНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ

Территориальные потребительские рынки представляют собой часть региональной экономической системы, и их необходимо рассматривать как целостную территориально обособленную совокупность социально - экономических отношений, возникающих в процессе производства, распределения, обмена и потребления потребительских товаров и услуг.

Теоретический анализ представленных в экономической литературе определений рынка позволяет внести некоторые уточнения, а именно:

- Рынок является одним из главных понятий современной экономической теории и представляет собой категорию, составляющую основу рыночной экономической системы отношений.

- Рынок есть сфера товарно-денежных отношений между производителями и потребителями по поводу купли - продажи товаров и услуг и включает всю совокупность средств, методов, инструментов, организационно-правовых норм, структур и т.д., обеспечивающих функционирование этих отношений.

***Ключевые слова:*** *территориальные потребительские рынки, потребительский рынок, институты, институциональная среда потребительского рынка, экономические субъекты, территориальное размещение, емкость рынка.*

## ANNOTATION

## FEATURES OF TERRITORIAL CONSUMER MARKETS, ANALYSIS OF THE SITUATION AT THE LEVEL OF SOME REGIONAL ORGANIZATIONS

Territorial consumer markets are part of the regional economic system, and they must be considered as an integral, territorially isolated set of socio - economic relations arising in the process of production, distribution, exchange and consumption of consumer goods and services.

A theoretical analysis of the market definitions presented in the economic literature allows some refinements, namely:

- The market is one of the main concepts of modern economic theory and is a category that forms the basis of a market economic system of relations.
- The market is the sphere of commodity-money relations between producers and consumers regarding the purchase and sale of goods and services and includes the whole set of means, methods, tools, organizational and legal norms, structures, etc., ensuring the functioning of these relations.

***Key words:*** *territorial consumer markets, consumer market, institutions, institutional environment of the consumer market, economic entities, territorial distribution, market size*